*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш Душанбе, 734067,*
*кӯчаи Нахимов 64/14*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳон, афзоиши рақобатпазирии соҳибкорӣ аз сабаби мавҷудияти консепсияи кластерӣ ба амал омад. Ба кластерҳо, ки робитаи муассир байни омилҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ наздик, васеъ намудани дастрасӣ ба технологияҳо, инноватсияҳо, кормандони баландихтисос, муяссар гардид. Воқеан, тайи даҳҳо соли охир дар иқтисодиёт кластерҳои пешрафта истеҳсолкунандагони ватаниро ба бозори байналмилалии маҳсулоти технологияҳои баланд ва ҷалби сармояи хориҷӣ муттаҳид намуданд. Ин далел аҳамияти ташаккул дар иқтисодиёти минтақавӣ комплексҳои нави ҳудудию истеҳсолӣ, ки метавонанд ҷидду ҷаҳди худро барои ба даст овардани самараи миқёсӣ, истифода бурдани инноватсияҳо, истеҳсоли молҳои хушсифат ва ҳалли масъалаҳои гуногуни саноатӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳаллии минтақаҳои истеҳсолкунанда нигаронида шудаанд, муттаҳид намоянд.

Омилҳои асосие, ки метавонанд ба рушди кластерии минтақаҳо таъсир расонанд, инҳо ба ҳисоб мераванд: ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофӣ; мавҷуд будани захираҳои калони сарватҳои табиӣ; тамаркузи истеҳсолот ва инфрасохтори минтақа; мавҷуд будани захираҳои инсонӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои тайёр кардани он.

Бисёре аз таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии иҷтимоию иқтисодӣ ба омӯзиши мушкилоти ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа бахшида шудаанд. Муаммоҳои амалӣ намудани кластерҳои ҳудудию саноатӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии минтақа мебошад.

Монеаи асосӣ дар самти ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ин нокифоя будани бисёр муқаррароти илмӣ-назариявӣ, инчунин равишҳои методологие мебошад, ки татбиқи бомуваффақияти онҳо дар минтақа таъмин менамоянд. Ҳамин тариқ дар шароити воқеии ҷаҳон, системаҳои кластерҳои имрӯза дар минтақаҳо – иттиҳодияи ташкилотҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва функсионалӣ ба ҳам алоқаманд дар минтақаҳо, ки

занҷири ягонаи истеҳсолиро ташкил медиҳанд. Сохторҳои ташаккули муносибатҳои байни иштирокчиёни кластери инноватсионӣ дар бисёр минтақаҳо монанданд. Илова бар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва байналмилалӣ шудани бозорҳои ҷаҳонӣ, идоракунии кластерҳои саноатӣ дар баробари салоҳияти кадрҳо ва сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, истифодаи самараноки захираҳои моддию иттилоотӣ омили ҳалкунандаи баланд бардоштани қобилияти рақобати корхонаҳои саноатӣ мегардад. Зарурати ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон), мубрамият ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии Нурблоева М.М. муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, гуфтаҳои дар боло зикргардида, мақсад ва вазифаҳои кори илмии мазкурро муайян менамояд.

Бо вуҷуди он, ки автореферат дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ навишта шудааст, баъзе эродҳо дорад, ки миёни онҳо метавон ҳолати зеринро ҷудо намуд:

- дар саҳифаи 14 автореферат муаллиф ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро таҳлил кардааст, вале хуб мешуд номгуйи маҳсулоти истеҳсолшударо низ ба таври возеҳ пешниҳод менамуд.

Дар маҷмуъ, қайд кардан лозим аст, ки эроди овардашуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши назариявию методологӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хулоса менамоям, ки автореферати диссертатсияи номзадии Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Мудири кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав Расулова Д.Б

Имзои н.и.и., Расулова Д.Б-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ ба номи Н.Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 735140. ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67
E – mail. Rasulova_0609@bk.